- бо тартиби авфи муҳоҷират – шартҳо ва мӯҳлатҳои гузарониданиавф дар асоси шартномаҳои байни ҳукуматҳои ФР ва кишвари шумо мувайян карда мешаванд;
- дар асоси ҳолатҳои нав ошкоршуда – дар ҳолате, ки қарор нодуруст баровардa шуда бошад;
- бо гузаштани мӯҳлати манъи вуруд;
- бо бартараф кардани сабабҳои манъи вуруд.

Манъи вурудро ба ФР бо муроҷиат кардан ба ин ҷо бекор кардан мумкин аст Главное управление по вопросам миграции МВД России – аризаро барои баррасии манъи вуруд дар шакли электронӣ бо истифодаи намуна аз сайти МВД России фиристондан мумкин аст: https://мвд.рф/request_main
Ба ариза ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи асосро барои бекор дани манъи вуруд замима кардан зарур аст: шаҳодатномаҳои таваллуди фарзандон-шаҳрвандони ФР, шаҳодатномаи ақди никоҳ, маълумотнома дар бораи беморӣ ва ғайра.

Аз рад кардани баррасии қарори манъи вуруд ба ФР ба суд шикоят кардан мумкин аст. Аризаи шикоятиро ба суди ҷойи воқеъ будани мақоми ҳудудии Управления по вопросам миграции, ки вурудро манъ кардааст, додан даркор аст.

## МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

**Ҳар гуна дастгирии экстремизм ва терроризм, ҳар гуна дастгирии экстремистҳо,** аз ҷумла тарафдории онҳо дар интернет, ёрии моддӣ ва иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои мамнуъ – **ҷинояти махсусан вазнин аст!**
Шаҳрванди хориҷӣ, ки дар ҷиноятҳои экстремистӣ ё террористӣ гунаҳкор эътироф шудааст, ба мӯҳлати зиёд аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Баъдан бо депортатсия ва манъи вуруди бемӯҳлат ба ФР маҳкум карда мешавад.
Аломатҳои экстремизм:
- барангехтани адовати миллӣ;
- барангехтани бартарии динӣ ва зарурати ҷиҳод бар зидди намояндагони динҳои дигар;
- дастгирии тахрибӣ ягонагии давлатдории Россия.

Аломатҳои ҷиноятҳои террористӣ:
- ба таври оммавӣ ҳақ баровардани фаъолияти террористӣ;
- тайёр кардан ва иҷрои амалиёти террористӣ;
- маблағгузории фаъолияти террористӣ;
- мусоидат ба террористон, аз ҷумла пешниҳоди хадамоти алоқа, манзили истиқомат ва ғайра.

**Эҳтиёт шавед – бо ташкилотҳои экстремистӣ ҳамкорӣ накунед, ёрии моддӣ нарасонед, маводи экстремистиро дастгирӣ ва паҳн накунед, ҳатто ошноён ва ҳамдинонатон инро хоҳиш кунанд ҳам!**

Рӯйхати ташкилотҳое, ки дар ФР экстремистӣ эътироф шудаанд:
https://minjust.gov.ru/ru/documents/7822/

Рӯйхати маводе, ки дар ФР экстремистӣ эътироф шудаанд:
https://minjust.gov.ru/ru/extremist-materials/

Экстремистҳо метавонанд бо тафсирҳои дурӯғини ислом ба гумроҳсозӣ машғул шаванд. Бо саволҳои динӣ танҳо ба ташкилотҳои расмии иҷозатдор дар ФР муроҷиат кунед.

https://dum-spb.ru/ - Духовное управление мусульман Санкт-Петербурга и Северо-Западной части России.

Дар бораи фаъолиятҳои экстремистӣ ва террористӣ хабар диҳед ба:
http://www.fsb.ru/fsb/webreception.htm – қабулгоҳи электронии ФСБ России
+7 (495) 224-22-22, 8 (800) 224-22-22 – хатти доғи ФСБ России
8 (812) 573-21-81 – телефони боварии политсия дар Санкт-Петербург.

Муфассал дар бораи муқовимат ба терроризм ва падидаҳои экстремистӣ дар Санкт-Петербург:
http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/profilaktika-ekstremizma/

## Робитаҳои муфид

migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru–**«Добро пожаловать в Санкт-Петербург!»:** хазинаи интернетӣ барои муҳоҷирони Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

migrussia.ru – **«Миграция и мигранты: информационный портал»** (маслиҳатҳои ҳуқуқӣ бо забонҳои гуногун, робитаҳои муфид)

**Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге**
Хатти доғ барои шаҳрвандони хориҷӣ: 8 (812) 576-28-67
vk.com/spbmigrant

**Управление по вопросам миграции ГУ МВД России по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области**
78.mvd.ru/ms Санкт-Петербург, ул. Красного Текстильщика, д.15
тел.: 8 (812) 573-38-25

**БФ «ПСП-фонд»** (ёрии бепули ҳуқуқӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ)
Хатти доғ: 8 (953) 141-31-09 тел.: 8 (812) 337-57-85
migrussia.ru, vk.com/pspfond

**Информационно-консультационный центр Красного Креста**
(маслиҳатҳо ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ)
тел.: 8 (800) 333-00-16, spbredcross.org,rcc@spbredcross.org

*Буклет «Добро пожаловать в Санкт-Петербург! Как не нарушить закон.*
*В помощь мигранту» (на таджикском языке).*
*Разработка текста: БФ «ПСП-фонд»*
*Авторы-составители: Якимов А.Н., Панич Б.Л.*
*Тираж 2000 экз.*
*Изготовлено на средства субсидии, предоставленной Комитетом по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге*

Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

БФ «ПСП-ФОНД»

## Хуш омадед ба Санкт-Петербург!

# Қонунро чӣ тавр поймол накунем

### ба ёрии муҳоҷир



Санкт-Петербург
2023

## РИОЯИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУҲОҶИРАТ

Ҳар шаҳрванди хориҷӣ уҳдадор аст:
- дар сабти муҳоҷирати (регистратсия) суроғаи омадааш дар муҳлати 7 рӯзи кории аз лаҳзаи омаданаш ба ФР истад (шаҳрвандони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар муҳлати 15 рӯзи тақвимӣ, ЕАЭС – дар муҳлати 30 рӯзи тақвимӣ, Беларус ва Украина – 90 рӯзи тақвимӣ);
- дар ҷои сабти номи муҳоҷират/регистратсия зиндагӣ кунад - аз сабти дактилоскопӣ гузарад, акс, шаҳодатномаи тиббӣ гирад дар муҳлати 30 рӯз, агар бо мақсади кор кардан омада бошед, дар муҳлати 90 рӯз, агар шумо бо мақсадҳои дигар дар Россия зиёда аз 90 рӯз монданӣ бошед.

Аз назорати тиббӣ баъдан ҳар сол гузаштан лозим аст;
- полиси тиббӣ гирифтан даркор аст;
- агар бо мақсади кор кардан омада бошед, - дар муҳлати 90 рӯз аз лаҳзаи вуруд патенти кор гирифтан зарур аст (барои шаҳрвандони ЕАЭС патент лозим нест);
- сари вақт (на камтар аз 1 моҳ пешакӣ) ҳаққи патентро пардохт кардан зарур аст;
- танҳо мувофиқи ихтисос ва дар минтақаи дар патент қайдшуда кор кардан мумкин аст, сари вақт тағйироти ихтисос ва минтақаро дар патенти кор ворид кунед.

**Ҷавобгарии маъмурӣ** пешбинӣ шудааст барои:
- вайрон кардани қоидаҳои вуруд ва реҷаи истиқомат;
- набудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ва мақоми муҳоҷирӣ;
- фаъолияти ғайриқонунии корӣ (бе патенти кор);
- пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ҳангоми сабти муҳоҷират.

Ҷазо барои ин қонуншиканиҳо дар Санкт-Петербурге – ҷарима 5000-7000 рубл бо рондан аз Россия ва манъ кардани вуруди минбаъда ба муҳлати 5 сол.
Барои вайрон кардани муҳлати муроҷиат барои гирифтани патент бештар аз 30 рӯзи баъди санаи вуруд ҷарима ба маблағи 10000-15000 рубл пешбинӣ шудааст.

**Ҷавобгарии ҷиноятӣ** (маҳрум кардан аз озодӣ ва ҷаримаҳои калон) пешбинӣ шудааст барои:
- сохтакории ҳуҷҷатҳо ва истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ;
- ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади ФР.

## МУОШИРАТ БО ПОЛИТСИЯ

Агар шумо шоҳид ё ҷабрдидаи ҷиноят шудед – ба политсия мурочиат кунед:

**102 ё 112 – аз телефони мобилӣ.**

Ҳамеша бо худ ҳуҷҷатҳои амалкунандаро дошта бошед:
- шиноснома;
- корти муҳоҷират;
- ҳуҷҷати сабти муҳоҷират (регистратсия);
- патенти кор бо чекҳои пешпардохти андозҳо (ба ғайр аз шаҳрвандони ЕАЭС);
- полиси амалкунандаи тиббӣ.

Ҳангоми мурочиат ба шумо корманди политсия бояд нишони махсуси сарисинагӣ (жетон) дошта бошад – рақами онро нависед ё ба ёд гиред.
То муайян кардани шахсият шаҳрванд набояд аз 3 соат зиёд нигоҳ дошта шавад.
То қарори суд шаҳрванд набояд ба муддати зиёда аз 48 соат нигоҳ дошта шавад.
Боздоштшуда ҳуқуқи занги телефон дорад, метавонад ҳимоятгар ва дар сурати нағз надонистани забони русӣ тарҷумон талаб кунад.
Додани пора ҷиноят аст – ба кормандони политсия пул надиҳед!
Кормандони политсия ҳуқуқ надоранд, ки ҳуҷҷатҳои шуморо ҳамчун замонати пардохти ҷарима ва дигар пардохтҳо гиранд!

Агар кормандони политсия қонуншиканӣ кунанд – барои ёрӣ мурочиат кунед:
«Телефон доверия» (телефони боварӣ)-и политсия дар Санкт-Петербург: 8 (812) 573-21-81
«Горячая линия» МВД РФ (хатти доғи ВКД-и ФР): 8 (800) 222-74-47
Протоколи қонуншикании маъмуриро дар соҳаи муҳоҷират метавонанд фақат кормандони Управления по вопросам миграции тартиб диҳанд. Тартиб додани протокол маънии онро надорад, ки зуд ҷарима супурдан лозим бошад – парванда бояд бо иштироки муҳоҷир дар суд ё дар отделе по вопросам миграции районного управления ГУ МВД России по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области баррасӣ шавад. Дар натиҷаи муҳокима бояд ба шаҳрванди хориҷӣ қарори судро пешниҳод кунанд, ки мутобиқан онро иҷро кардан зарур аст ва ё аз болояш ба суд дар муддати 10 рӯз шикоят бурдан даркор аст.
Дар суд шумо ҳуқуқ доред аз хидмати ҳимоятгар истифода баред. Бо талаби шумо бояд иштироки тарҷумонро таъмин кунанд. Қарори судро бояд бо забони ба шумо фаҳмо пешниҳод кунанд. Шумо метавонед аз болои қарори суд дар муҳлати 10 рӯзи аз лаҳзаи гирифтани қарори хаттӣ шикоят кунед.

Агар шумо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият, сабти муҳоҷират (регистратсия) надошта, инчунин қоидаҳои муҳоҷиратро такроран вайрон карда бошед – суд метавонад дар бораи ҷойгир карданатон дар ЦВСИГ (маркази боздошти муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ) барои минбаъд ба ватан фиристоданатон қарор барорад. Ҳатман ба консулгарии кишвари худ робита кунед барои гирифтани ёрии ҳуқуқии бепул ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ мурочиат намоед.

ЦВСИГ №1 ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области: Санкт-Петербург, Красное Село, Кингисеппское шоссе, 51А +7 (812) 573-15-19, электронная почта – suvsig-spb@mail.ru

ЦВСИГ №2 ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области: Ленинградская область, г. Гатчина, ул. 120-й Гатчинской дивизии, дом 1, промзона 2, участок 3

Суроғаҳои робита бо сафоратхона ва консулгариҳои давлатҳои СНГ дар Санкт-Петербургро аз ин ҷо пайдо карда метавонед: http://migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/spravochnaya-informaciya/posolstva-i-konsulskie-uchrezhdeniya-sankt-peterburga/

Дар ҳолати ба ЦВСИГ афтодан ба шумо Комиссияи мушоҳидавии ҷамъиятӣ (ОНК) ёрӣ дода метавонад:
191124, Санкт-Петербург, Суворовский пр. 62, mail@onkspb.ru
http://onkspb.ru/

## МАНЪИ ВУРУД БА ФР. БЕКОР КАРДАНИ МАНЪИ ВУРУД

Бо манъи вуруд ба ФР ба муҳлати аз 3 сол то 10 сол ҷазо дода мешаванд:
- содир кардани 2 ва зиёда ҳар гуна қонуншикании маъмурӣ дар муҳлати 3 сол;
- содир кардани 2 ва зиёда қонуншикании муҳоҷират дар муҳлати 1 сол;
- истиқомати ғайриқонунӣ дар ФР дар муҳлати бештар аз 30 шабонарӯз.

Агар шумо пештар аз ФР ронда ё депорт шуда бошед – вуруд ба ФР ба муҳлати 5 сол аз лаҳзаи рондан ё депорт манъ аст.
Агар шумо аз ҳисоби давлат депорт ё ронда шуда бошед, – шумо бояд ин хароҷотро пардохт кунед, вагарна шуморо ҳатто баъди гузаштани муҳлати манъи вуруд ҳам ба кишвар роҳ намедиҳанд.

**Ба миёнравҳо мурочиат накунед: онҳо метавонанд ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр кунанд, ки баъдан вурудатон ба ФР манъ карда мешавад.**

Ҳаққонӣ будани патенти корро аз ин ҷо тафтиш кардан мумкин аст: сервисы.гувм.мвд.рф/info-service.htm?sid=2060

Дар бораи он, ки вуруди шумо манъ аст ё не ба воситаи МВД России дар намояндагиҳои ширкатҳои ҳавопаймоии Россия ё дар сайти ГУВМ МВД России маълумот гирифтан мумкин аст: сервисы.гувм.мвд.рф/info-service.htm?sid=3000

Маълумотҳои муфассалро дар бораи манъи вуруд ба ФР аз ин ҷо дарёфт кунед: Пограничной службы ФСБ России. Пограничное управление Федеральной службы безопасности Российской Федерации по Санкт-Петербургу и Ленинградской области: ps.fsb.ru, pu.spb.lenobl@fsb.ru
8 (812) 578-03-12, 8 (812) 438-61-94, 8 (812) 438-64-77

## Манъи вурудро чӣ тавр бекор намудан мумкин аст?

Қарори манъи вурудро ба Россия метавонанд бо ин сабабҳо бекор кунанд:
- бо асосҳои гуманитарӣ – дар ҳолате исбот кунед, ки дар муҳлатҳои муқаррар кардаи қонун наметавонед бо сабабҳои беморӣ, парастории хеши наздик, ё дигар ҳолатҳои фавқулодда аз Россия хориҷ шавед;
- барои нигаҳдории ягонагии оила – дар ҳолате, ки яке аз аъзои оилаи шумо шаҳрванди ФР бошад (шавҳар/зан, фарзандон), ва шумо аз онҳо ҷудо шуда наметавонед;